*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 53 (4636) | ҶУМЪА, 14 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Бахшида ба Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе

## ПАРВАРДАИ МАКТАБИ БЕНАЗИРИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

### ДУШАНБЕ ДУРДОНАИ МАМЛАКАТ БУДА, МАСЪУЛИЯТШИНОСИИ РАИСИ ҶАВОН МУҲТАРАМ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ОНРО МУҶАЛЛО НАМУДААСТ





**Се сол қабл, замони Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидани Рустами Эмомалӣ дар матлабе нигошта будам, ки дар шароити кунунӣ Раиси палатаи болоии парлумон интихоб шудани ин ҶАВОНМАРД оқилонаву мантиқӣ аст.**

Дар робита ба ин рӯйдод таъкид карда будам, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳибмактабанд. Дар бораи мактаби ҷасорату мардонагӣ, сиёсатмадорӣ, бунёдкорӣ, қонунофарӣ, самимияту саховатмандӣ, дурандешиву фарҳехтагии ин АБАРМАРД таълифоти зиёд шудааст, ки ҳар кадом симои ин фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, меъмори сулҳи тоҷикон ва шахсияти хирадманду дурандешро бо усул ва назокатҳои хос бозгӯйӣ намудаанд.

Мактаби дигаре ҳаст, ки мутаассифона, то ин вақт аз мадди назари коршиносон то андозае дур мондааст. Ин мактаби тарбияи фарзанд буда, намунаи ибрат ва арзандаи ситоиш аст. Бидуни муболиға ва тамаллуқ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори мактаби беназири тарбияи фарзанд мебошанд, ки аз файзи он соҳаҳои гуногун баракат ёфта истодаанд. Танҳо ёдовар шудан аз фаъолияти пурмаҳсул, ибтикори камназири ду дастпарвари ин мактаб - Раҳмон Озода Эмомалӣ ва Рустами Эмомалӣ моро ба воқеияти ин гуфта муътақид мекунад.

Бо гузашти вақти на он қадар зиёд муҳтарам Рустами Эмомалӣ, сарфи назар аз ҷавонии худ, дар ҷодаи сиёсат ба шарофати сармашқи кор қарор додани дастуру ҳидоят ва насиҳатҳои ПАДАР дар ҳама ҷанбаҳо комёб гардид. Маҳз дар ин замина обрӯву эътибори фарзанди арзандаи ПАДАР афзуд ва дар ниҳоди сокинони мамлакат эътимоду боварӣ ба ӯ мустаҳкамтар гардид. Касе инкор карда наметавонад, ки муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо пиндору гуфтор ва рафтори намунавӣ дар қалби мардум маъво ёфтааст.

Нодида гирифтани кордониву ташаббускории муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба сифати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси шаҳри Душанбе танҳо дар сурати нобино, ношунаво ва ноқисулақл будан имконпазир мебошад.

Номбурда дар ҳама зинаҳои фаъолият масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ ва ташаббускориро меҳвар қарор дода, дар ин ҷода собитқадам аст. Бо итминон метавон гуфт, ки қаҳрамони матлаб ба сифати дастпарвари мактаби Пешвои миллат аз имтиҳони ҷиддӣ гузашта, ба дастовардҳои беназир ноил гардида истодааст. Ин дастовардҳо сабаб шуданд, ки дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дар қалби Тоҷикистон - шаҳри Душанбе, дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оянд. Мо бояд ба ин ҳама пешравиҳо воқеъбинона баҳогузорӣ ва арҷгузорӣ намоем.

Бамаврид аст аз фаъолияти номбурда дар Хадамоти гумруки назди Ҳукумати мамлакат ёдовар шавам. Таъсиси комиссия оид ба гузаронидани озмун барои хизмат дар мақомоти гумрук, пурзӯр намудани интизоми хизматӣ, дур намудани ашхоси тасодуфӣ аз мақомот, вусъат бахшидани санҷишҳои хизматӣ, барзиёд иҷро шудани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ, густариши раванди ошкоршавии қонунвайронкуниҳои гумрукӣ ва ғайра аз ҷумлаи пешравиҳое буданд, ки бо таъин гардидани муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба вазифаи сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи кор омаданд.

Хуб дар хотир дорем, ки бо ибтикори муҳтарам Рустами Эмомалӣ бори аввал дар Хадамоти гумрук қабули кормандони нав ва ишғоли мансабҳои холӣ тариқи озмун роҳандозӣ шуда буд. Замони роҳбари Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия будани номбурда мубориза бар зидди зуҳуроти манфӣ беш аз пеш вусъат ёфта, кормандони ниҳоди зикршуда на танҳо дар самти мубориза бо коррупсия, балки дар ҷодаи кашфу мусодираи маводи нашъаовар ва дигар ҷиноятҳо фаъолияти қобили мулоҳиза доштанд. Нуфуз ва иродаи шикастнопазири муҳтарам Рустами Эмомалӣ замина фароҳам овард, ки эркаҳо «аз осмон ба замин фароянд»…

Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе дар заминаи сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва масъулиятшиносиву поквиҷдонии Раиси ҷавони шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ ободтару зеботар гардида, ин раванд бардавом аст. Дар шаш соли охир беш аз пеш пойтахти давлати азизамон ободу зебо гардида, дастовардҳо тамоюли афзоиш касб намуданд.

Дастовардҳои муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба сифати Раиси шаҳри Душанбе зиёданд. Бо ибтикори роҳбари ҷавони шаҳр нақшаи дурнамои вайронкунии биноҳои фарсуда, дар навбати аввал биноҳои камошёнаи дар ҳолати садамавӣ қарордошта тартиб дода шуда, он давра ба давра амалӣ гашта истодааст. Илова бар ин, сохтмони инфрасохтори шаҳр, маҷмааҳои шаҳрофар, иншооти варзишӣ, биноҳои намоишӣ, боғҳои фарҳангию фароғатӣ ва майдонҳо мутобиқи Нақшаи генералии тасдиқшудаи шаҳри Душанбе босуръат идома доранд.

Дар соли чоруми роҳбарии ӯ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,9 маротиба зиёд гардида, зиёда аз 200 корхонаи саноатӣ ба фаъолият оғоз карданд. Усули хоси роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ замина фароҳам овард, ки сохтмон ва сармоягузорӣ низ дар пойтахти мамлакат бесобиқа тамоюли афзоиш касб карда, дар ин муддат 752 иншоот бо харҷи 6,8 млрд. сомонӣ бунёд гардид.

Муҳимтар аз ҳама, 231 майдончаи варзишию фароғатии замонавӣ дар назди биноҳои истиқоматӣ бунёд гардиданд, ки мояи хушнудии кӯдакону наврасон ва сокинони шаҳр мебошанд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## САФАРИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН БА САНКТ-ПЕТЕРБУРГ

**12 - уми апрели соли 2023 ҳайати расмии Парлумони Тоҷикистон дар доираи барномаи фарҳангии чорабиниҳои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз Эрмитажи давлатӣ ва музей - мамнӯъгоҳи «Царское село» боздид намуд.**

Ёдовар мешавем, ки 12 - уми апрели соли ҷорӣ ҳайати расмии Парлумони Тоҷикистон, ки ба он аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон шомил мебошанд, таҳти роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода барои иштирок дар ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (АБ ИДМ), ҷаласаи пленарии 55-уми АБ ИДМ ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия сафар намуд.

**13 - уми апрели соли 2023 дар доираи сафари ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаи комиссияҳои доимии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолона иштирок намуданд.**

Аз ҷумла раиси Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарлумонӣ, узви Комиссияи доимии АБ ИДМ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ Фарҳод Раҳимӣ, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода дар ҷаласаи Комиссияи доимии АБ ИДМ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ, раиси Кумитаи Маҷлиси миллӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, илм, маориф, фарҳанг,



сиёсати ҷавонону занон, узви Комиссияи доимии АБ ИДМ оид ба сиёсати иҷтимоӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмадшоҳ Гулзода дар ҷаласаи Комиссияи иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба мудофиа ва амният Шоҳмурод Рустам дар ҷаласаи Комиссияи доимии АБ ИДМ оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ дар соҳаи амният ва мубориза бо таҳдидҳои нав, мудири шуъбаи Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарлумонӣ Ҷовид Икромов дар ҷаласаи Шӯрои иқтисодии назди Шӯрои АБ ИДМ иштирок намуда, андешаҳои хешро нисбат ба мавзӯъҳои баррасишуда иброз намуданд.

Дар ҷаласаҳои мазкур зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз иштирокчиёни фаъоли ҷаласаи комиссияҳои доимии АБ кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, дар фаъолияти қонунгузорӣ аз қонунҳои намунавӣ зиёд истифода мекунад. Дар ин замина савияву малакаи қонунгузории аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон беш аз пеш сайқал ёфта, таҷрибаи намояндагии онҳо ғанитар гардидааст. Иштироки онҳо дар баррасии



қонунҳои намунавӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарки масъулият амалӣ мегардад.

Ин падидаҳои фараҳбахш шаҳодати мақому манзалати баланди Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад.

Дар ҷаласаҳои зикршуда намояндаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Бахтовар Сафарзода ва директори Маркази тадқиқоти АвруОсиё ва ҳамкории байнипарлумонии Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия Баҳодур Сайдамиров иштирок намуданд.

**13 - уми апрели соли равон таҳти раёсати Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид.**

Ҳайати расмии Тоҷикистон таҳти сарварии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ва муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода дар он иштирок намуданд.

Аъзои Шӯро рӯзномаро, ки аз 21 масъала иборат буд, баррасӣ ва қабул намуданд.

Сарони ҳайатҳои парлумонии кишварҳои аъзои АБ ИДМ натиҷаҳои фаъолият дар соли 2022, мониторинги интихоботи пеш аз муҳлати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон ва интихоботи пеш аз муҳлати вакилони Маҷлиси парлумони Қазоқистонро баррасӣ намуданд.

Аъзои Шӯро, ҳамчунин, масоили омодагӣ ба Конгресси X байналмилалии муҳити зист, ки 25-26-уми майи соли 2023 дар Қасри Таврический баргузор мешавад, Форуми байналмилалии «Санкт - Петербург - пойтахти парлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ва «Тараққиёти устувори территорияҳои кӯҳсор»-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар ҷаласаи зикршуда раиси Комиссияи доимии АБ ИДМ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, раиси Кумитаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Раҷабзода «Дар бораи фаъолияти Комиссияи доимии АБ ИДМ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ» ҳисобот дод.



Таъкид шуд, ки омода намудани заминаҳои меъёрии танзими фаъолияти АБ ИДМ ва коркарди санадҳои қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ аз вазифаҳои муҳими комиссияи мазкур ба ҳисоб меравад.

Дар ҷаласаи зикршуда раисони кумитаҳои Маҷлиси миллӣ Фарҳод Раҳимӣ ва Маҳмадшоҳ Гулзода, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон Саидмурод Фаттоҳзода, Шоҳмурод Рустам, Равшан Раҷабзода ва намояндаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ Бахтовар Сафарзода иштирок намуданд.

Ҳамон рӯз ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ анҷом ёфт.

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Садои мардум

14 апрели соли 2023 № 53 (4636)

# 2022 - СОЛИ ЭЪТИРОФИ ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз шумораҳои гузашта)



**ФАРҲАНГ**

Роҳбарияти Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози солҳои соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа - ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо тадбирҳои зарурииро амалӣ карда истодааст.

Соли 2022 бо иштироки Сарвари давлат дар якчанд шаҳру ноҳияҳо дар доираи сафари корӣ даҳҳо иншооти фарҳангӣ, аз қабили боғҳои фарҳангию фароғатӣ, майдони Нишони давлатӣ ва Парчами давлатӣ бо гулгашту хиёбонҳои зебо ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, Муассисаи давлатии боғи фарҳангӣ-фароғатии ба номи «Темурмалик»-и шаҳри Гулистони вилояти Суғд пас аз таҷдиду навсозӣ (9-уми феврали соли 2022), Парчами давлатӣ, Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гулгашт, муҷассама ва мақбараи яке аз бузургтарин суханварони Машриқзамин - Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, «Мақбараи Ҷалолиддини Балхӣ», «Хона-музейи Ҷалолиддини Балхӣ» дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон (21-уми марти соли 2022), гулгашти ба номи Исмоили Сомонӣ бо муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ, Парчаму Нишони давлатӣ дар markази шаҳри Панҷакент (14-уми апрели соли 2022), Маҷмааи фарҳангию фароғатии «30-солагии Истиқлол» дар шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашт (16-уми апрели соли 2022), Боғи фарҳангию фароғатӣ дар шаҳраки Данғараи ноҳияи Данғара (28-уми апрели соли 2022), боғи истироҳатию фароғатиии «Истиқлол»-и шаҳри Конибодом (11-уми августи соли 2022), Маҷмааи «Дуои Модар» бо муҷассамаи модар дар шаҳри Кӯлоб (23-юми октябри соли 2022), пас аз навсозӣ ифтитоҳ кардани Боғи марказии фарҳангию фароғатии ноҳияи Панҷ ва парафшонии Парчами давлатӣ (1-уми ноябри соли 2022) ва Боғи фарҳангию фароғатии ба номи «30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо муҷассамаи «Рамзи 30-солагии Иҷлосияи таърихӣ дар ҳудуди Муассисаи давлатии «Қасри Арбоб» (16-уми ноябри соли 2022).

Бояд гуфт, ки Боғи фарҳангию фароғатии ба номи «30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Муассисаи давлатии «Қасри Арбоб» як иқдоми созандаю ободонӣ ва шаҳодати вусъати бунёдкориҳо дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ки аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати сулҳу суботи ҷомеа ва ҳадафҳои созанда сарчашма мегирад.

**ЗАНОН**

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа тадбирҳои судмандро амалӣ намуд. Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ - 71, фарҳанг - 47, бонкдорӣ - 39, алоқа - 25, дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди мамлакат низ таъсири назаррас расонида истодаанд.

Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби низоми бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,4 баробар зиёд мебошад. Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил кардааст. Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани фаъол будани занону бонувон дар иқтисодиёти мамлакат мебошанд.

Дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд. Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд.

Соли 2022 дар якчанд шаҳру ноҳияҳои мамлакат коргоҳҳои дӯзандагӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ ба кор оғоз карданд, ки дар онҳо даҳҳо нафар занону бонувони хонанишин соҳиби ҷойи кори доимӣ шуданд. Аз ҷумла, коргоҳи дӯзандагӣ дар ноҳияи Ашт бо 40 ҷойи кор (16-уми апрели соли 2022), коргоҳи дӯзандагӣ дар шаҳри Исфара бо 20 ҷойи кор (17-уми апрели соли 2022), коргоҳи дӯзандагии КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» дар шаҳри Бӯстон бо 45 ҷойи кор (9-уми августи соли 2022), коргоҳи қолинбофии КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» дар шаҳри Бӯстон бо 15 ҷойи кор (9-уми августи соли 2022, Корхонаи насосӣ ва дӯзандагии ЧДММ «Нури Истаравшан» бо 40 ҷойи кор (10-уми августи соли 2022), Маркази қолинбофии «Субҳия» дар ноҳияи Деваштич бо 20 ҷойи кор (14-уми ноябри соли 2022) ва коргоҳи дӯзандагии «Маҳина» дар шаҳри Гулистон бо 30 ҷойи кор (15-уми ноябри соли 2022).

7-уми марти соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми шодбошии худ занону бонувони мамлакатро ба муносибати Рӯзи Модар табрику таҳният гуфтанд.

«Зан - модар ибтидои ҳастии башарият, мабдаи меҳру вафо ва рамзи муҳаббату садоқат мебошад.

Модар мавҷудест, ки ба фарзанд ҳаёт мебахшад, ӯро бо шири сафеду ҷонбахшаш ва бо муҳаббате, ки танҳо хоси модарон аст, тарбия мекунад, ба камол мерасонад ва ба чорсӯи зиндагӣ дуои нек медиҳад.

Бинобар ин, арҷ гузоштан ба бузургии модар, ба ҷо овардани иззату эҳтироми ӯ ва расидан ба қадри заҳматҳои шабонарӯзии вай вазифаи ҷониву имонии ҳар фарзанди солимфикру соҳибхирад ва қарзи инсонии ҳар фарди бонангу номус ба шумор меравад», - омадааст дар Паёми шодбошии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшад, зеро онҳо дар ҷомеа қувваи бузург мебошанд.

**ҶАВОНОН**

Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад.

Ҷавонони мамлакат дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо Парчами Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад.

Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳалли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ давлати ҷавонон аст.

Соли 2022 Ҳукумати мамлакат «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027»-ро қабул намуд.

23-юми май Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонони мамлакатро бо Рӯзи ҷавонон табрик карда, чунин гуфтанд: «Имрӯз ҷавонони мо такягоҳи воқеӣ, умед ва ифтихори ҷомеа ва давлати Тоҷикистон ба шумор мераванд, зеро нақши онҳо дар рушди соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии мамлакат басе назаррасу арзишманд мебошад.

Дар замони муосир танҳо давлатҳое ба дастовардҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа муваффақ мегарданд, ки ба масъалаи ҷавонон таваҷҷуҳи зарурӣ дода, имконияти фаровони зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳоро ба самти дурусту созанда сафарбар менамоянд. Ба ҳамин хотир, Ҳукумати Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз ба ҷавонон ҳамчун неруи пешбарандаи давлат ва насли ояндасоз аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда истодааст».

**ВАРЗИШ**

Соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ба таъмини оммавигардонии варзиш, таҳким бахшидани тарзи ҳаёти солим ва омодасозии варзишгарони касбии тоҷик барои иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ равона гардидааст.

Дар муддати ду даҳсолаи охир, бо назардошти муҳим будани рушди инфрасохтори соҳа, бунёду навсозии ҳазорҳо иншооти варзишӣ амалӣ гардид.

Солҳои охир рушди бомароми соҳаи варзиш дар пойтахт таъмин гардида, дар ин самт аз ҷониби роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тадбирҳои муҳим амалӣ шуда истодаанд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Синои пойтахт аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ толори варзишии «Кохи Олимп» бо 25 ҷойи кор (17-уми марти соли 2022), Маҷмааи муосири варзишию фароғатӣ бо толори муҳташами варзишӣ ва Академияи футболи «Ювентус» бо 150 ҷойи кор (13-уми сентябри соли 2022) ва дар ноҳияи Фирдавсӣ Клуби инноватсионӣ ва фитнеси «Крокус фитнес» бо 20 ҷойи кор (17-уми октябри соли 2022) мавриди истифода қарор дода шуд.

Ҳамчунин ба хотири рушди соҳаи варзиш аз ҷониби Сарвари давлат дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Варзишгоҳи марказии ноҳия мавриди истифода қарор дода шуд. Аввалин чорабинии идона - таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки бо иштироки шумораи зиёди роҳбарону фаъолони вилояти Хатлон баргузор гардид. Варзишгоҳ 15 000 ҷойи нишаст дошта, дар он 20 нафар сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин шуд.

Дар вилояти Суғд Президенти мамлакат Қасри варзишии «Паҳлавонони суғдӣ»-и шаҳри Панҷакент (14-уми апрели соли 2022) ва Қасри варзишии «Паҳлавонони суғдӣ»-и ноҳияи Деваштичро (14-уми ноябри соли 2022) ифтитоҳ карданд.




**САЙЁҲӢ**

Солҳои охир таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат ба соҳаи сайёҳӣ имкон дод, ки дар баробари афзун гардидани шумораи сайёҳон ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ зиёд гарданд.

Дар панҷ соли охир ба мамлакат беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион сайёҳ, ворид гардидаанд. Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуданд.

17-уми март Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи Мирзо Турсунзодаи ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Меҳмонхонаи 4-ситорадори «Румӣ ҳотел энд резиденс»-ро (The Rumi Hotel and Residences) бо 84 ҳуҷраи люкс ва стандартӣ, 14-уми апрел дар хиёбони ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Панҷакент меҳмонхонаи «Панҷакент плаза»-ро бо 37 ҳуҷра, барои 70 мизоҷ бо 30 ҷойи кор ва 17-уми апрел дар шаҳри Исфара Маркази хизматрасонӣ ва меҳмонхонаи «Ширин»-ро барои 30 мизоҷ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бунёди меҳмонхонаҳои нав бо шароити арзандаи қабул ва тарҳи шарқиёна муаррифии санъати баланди меъморӣ, ҳунармандӣ ва меҳмондории тоҷикона буда, ба боз ҳам мукаммал намудани инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби ҷаҳонгардон ба мавзеъҳои таърихию қадимӣ ва рушди бештари соҳаи сайёҳии мамлакат мусоидат менамояд.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуд. Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби содакардашуда ҷорӣ гардидааст.

Баъди эълон шудани «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва беҳтар кардани вазъи фаъолияти мамнӯъгоҳҳои мамлакат таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷӣ, аз ҷумла шикорчиён, ба имконияти рушди туризми байналмилалии Тоҷикистон бештар мегардад.

Табиати нотакрору биҳиштосои Тоҷикистон имрӯзҳо диққати сайёҳони дохилию хориҷиро бештар ба худ ҷалб кардааст. Дар ноҳияи Данғара барқарорсозии муҳити экологӣ, набототу ҳайвонот ва парандагони он хуб ба роҳ монда шудааст.

28-уми апрел Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Данғара дар яке аз мавзеъҳои зебо ва хушбоду ҳаво беш аз 4000 сар навъҳои гуногуни парандагони нодир, аз ҷумла кабки дарӣ, мурғи даштӣ, мурғҳои фиръавн ва ҳилолро, ки ба табиати Тоҷикистон мутобиқ ҳастанд, ба табиат сар доданд.

Сарвари давлат ба роҳбарияти ноҳия ба масъалаи вусъати парвариши парандаҳо, зиёд кардани саршумори онҳо, инчунин оид ба ҷоннок намудани корҳои ободонӣ, ба тартиб даровардани ҳудуди мамнӯъгоҳҳо ва тавассути ин тадбирҳо муҳайё намудани заминаи рушди туризм дастуру супоришҳо доданд.

**СИЁСАТИ ХОРИҶӢ**

Новобаста аз мураккабу печида боқӣ мондани равандҳои геополитикӣ ва таҳдиду хатарҳои бесобиқаи амниятӣ дар соли 2022 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири таъмин намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои анъанавии худ дар асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и хориҷӣ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ тавсеа ва рушд бахшид.

Соли 2022 Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 - солагии барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ бо 30 кишвари олам ва 30 - солагии узвият дар Созмони Милали Муттаҳидро таҷлил намуд.

Ба ин муносибат Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони як қатор давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷинпин, Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон Сайид Иброҳим Раисӣ, Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тайип Эрдоган, Сарвазири Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ Борис Ҷонсон, Сарвазири Ҷопон Фумио Кисида, Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Байден, Президенти Ҷумҳурии Финляндия Саули Ниинистё, Президенти Ҷумҳурии Франсия Эммануэл Макрон, Президенти Федералии Ҷумҳурии Австрия Александр Ван дер Беллен ва Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш мубодилаи номаҳои шодбошӣ намуданд.

Мавриди зикр аст, ки соли 2022 сарони давлатҳову созмонҳои байналмилалӣ ба унвони Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашнҳои давлатию миллии Тоҷикистон, аз ҷумла Истиқлолияти давлатӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ номаҳои шодбошӣ ирсол карданд.

Тоҷикистон ҳоло дар ҳалли мушкилоти ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла дар масъалаҳои вобаста ба об ва тағйирёбии иқлим, мубориза бо терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятkории муташаккили фаромиллӣ саҳми арзишманд дорад.

Махсусан силсилаи ташаббусҳои Тоҷикистон дар бобати ҳалли мушкилоти об дар ҷаҳон, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун «Раванди оби Душанбе» пазируфта шудааст, мамлакати моро дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври хос муаррифӣ кардааст. Ҳоло иқдоми чоруми Тоҷикистон - Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028» дар сатҳи милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ амалӣ шуда истодааст.

Масъалаи тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи хоси мамлакати мо қарор гирифтааст.

Боиси қаноатмандист, ки 14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қарор қабул кард.

Мувофиқи ин қатънома, дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо таъсис ёфта, вобаста ба ин мавзӯъ соли 2025 дар шаҳри Душанбе конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад.

Мояи ифтихор ва сарфарозии мардуми тоҷик аст, ки панҷумин ибтикори ҷаҳонии давлати мо оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра амалӣ хоҳад шуд.

Воқеан, қабули ин қатънома дар арсаи ҷаҳон иқдоми муҳим ва таърихӣ буда, тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо мекунад, ки барои ҳифзи бузургтарин манбаъҳои оби ошомиданӣ тадбирҳои муштараки зарурӣ андешад.

Ба ин муносибат ба унвони Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз номи Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш, Мудири кулли ЮНЕСКО Одрӣ Азуле, Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид Чаба Короши ва Дабири кулли Созмони ҷаҳонии ҳавошиносӣ Петтери Таалас номаҳои шодбошӣ ворид гардиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15-уми декабри соли 2022 бо Паёми шодбошиашон мардуми мамлакатро ба муносибати эътироф шудани пешниҳоди Тоҷикистон ва қабули қатъномаи махсус табрик намуданд.

Дар Паёми Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омадааст: «Бешубҳа, қабули ин қатънома, яъне ташаббуси панҷуми Тоҷикистон, гувоҳи боз ҳам баланд гардидани обрӯю эътибори давлати мо дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Итминони комил дорам, ки Тоҷикистон дар пешбурди масоили ҷаҳонии обу иқлим ва мавзӯъҳои дигари рӯзномаи байналмилалӣ минбаъд низ ба ҳайси давлати ташаббускор боқӣ хоҳад монд».

Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он саҳми босазо дорад.

18-уми октябри соли 2022 бо ташаббуси созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе баргузор гардидани Конфронси байналмилалии «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад барои муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» идомаи мантиқии талошҳову ташаббусҳои ҷониби Тоҷикистон дар самти мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб аст.

Дар кори конфронс намояндагони воломақоми расмии кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, ниҳодҳои Паймони ҷаҳонии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносони соҳаи таъмини бехатарии сарҳадот иштирок карда, роҳҳои таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад барои муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз ҳаракати террористҳоро муҳокима намуданд.

Дар Конфронси байналмилалии «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад барои муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор доштанд: «Тоҷикистон дар хатти аввали мубориза бо хатари ифротгароиву терроризм қарор дошта, на танҳо минтақа, балки қаламравҳои фаротар аз онро аз оқибатҳои фалокатбори ин зуҳурот ҳимоя мекунад».

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки давлатҳои ҷаҳон дар ҳамбастагӣ муқовимати муассирро бар зидди ин зуҳуроти номатлуб роҳандозӣ мекунанд ва дар роҳи пешгирӣ кардани таҳарруки террористҳо, интиқоли онҳо аз як минтақа ба минтақаи дигар, дарку фаҳмиши омилҳои таҳрикдиҳандаи терроризм, инчунин таҳияи мавқеи ягона нисбат ба мафҳумҳои ифротгароӣ ва терроризм комёб мегарданд.

Ҷиҳати рушду густариши муносибатҳои дӯстию ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷ соли 2022 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафарҳои расмӣ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон (2-юми июни соли 2022), Ҷумҳурии Арабии Миср (9-уми марти соли 2022) ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (14-уми декабри соли 2022) ва бо сафарҳои корӣ ба Ҷумҳурии Халқии Хитой (4-уми феврали соли 2022), се маротиба ба Федератсияи Россия (16-уми майи соли 2022, 7-уми октябри соли 2022 ва 26-уми декабри соли 2022), Ҷумҳурии Қирғизистон (21-уми июли соли 2022), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (16-уми сентябри соли 2022), ду маротиба ба Ҷумҳурии Қазоқистон (12-уми октябри соли 2022 ва 27-уми октябри соли 2022), Ҷумҳурии Арабии Миср (6-уми ноябри соли 2022) ва Ҷумҳурии Арманистон (23-юми ноябри соли 2022) сафар карданд.

Дар доираи ин сафарҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони давлатҳо, намояндагони воломақоми кишварҳо ва роҳбарони ташкилоти бонуфузи олам мулоқотҳои судманд анҷом дода, аз минбари баланди созмонҳои ҷаҳонӣ бо пешниҳодҳои созанда баҳри ҳалли мушкилоти глобалӣ суханронӣ намуданд.

Аснои сафари расмӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон зимни мулоқоти хоссаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва музокироти сатҳи олии ҳайатҳои расмии ҳар ду давлат масъалаҳои таҳкими робитаҳо дар соҳаҳои калидии ҳамкории дуҷониба баррасӣ гардиданд. Сарони ҳар ду давлат ба таври муфассал оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналхалқӣ ва минтақавӣ табодули андеша карданд.

Рушди ҳамкории ҳар ду давлат дар арсаи байналмилалӣ, аз ҷумла дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳо, муҳим арзёбӣ гардид.

Рӯйдоди муҳиму таърихии ин сафар аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба таври маҷозӣ бо пахши тугмаи рамзӣ оғоз бахшидани татбиқи лоиҳаи муштарак байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон доир ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар ҳавзаи дарёи Зарафшон мебошад.

Дар мулоқоти хоссаи сарони давлатҳои Тоҷикистону Миср рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, тандурустӣ, дорусозӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ дар ин ҷода аз самтҳои ояндадори муносибатҳои миёни ҳар ду давлат дониста шуд.

Ҷонибҳо алоқамандии худро ба тавсеаи ҳамкорӣ миёни минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистону Миср аз тариқи табодули таҷриба дар самти бунёд, идора ва густариши фаъолияти ин минтақаҳо ва таъсиси корхонаҳои муштарак дар ҳудуди онҳо изҳор намуданд.

Дар мулоқот робитаҳои байнипарламентӣ, ташкил ва тақвияти фаъолияти гурӯҳҳои дӯстии байнипарламентӣ барои густариши ҳамкории фарогири дуҷониба муҳим арзёбӣ гардид.

Рӯйдоди муҳими ин сафар бо қарори Шӯрои илмиву таълимии Донишгоҳи Қоҳира барои саҳми арзанда дар таҳкими муносибатҳои дӯстию ҳамкории Тоҷикистону Миср, рушду густариши робитаҳои илмӣ, амниятӣ, гуманитариву фарҳангӣ ва бахусус ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаи обу иқлим, ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супоридани унвони «Доктори фахрӣ» мебошад.

Зимни сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Покистон ва дар ҷараёни мулоқоту музокироти сатҳи олӣ муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат ва нақлиёту энергетика баррасӣ гардида, барои рушду таҳкими бештари муносибатҳо дар ин самтҳо баргузории ҷаласаҳои пайвастаи Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва илмиву техникӣ зарур шуморида шуд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, муҳимияти таҳкимбахшии фаъолияти гурӯҳҳои кории муштарак оид ба нефту газ ва энергетика, Шӯрои муштараки соҳибкорон ва Форуми соҳибкориро таъкид намуда, таъсиси Шӯрои муштараки ширкатҳои боркашониро байни ҳар ду давлат ба мақсад мувофиқ шумориданд.

Сарони давлатҳо бо итминони комил изҳор карданд, ки ҳусни тафоҳуме, ки дар ҷараёни гуфтушунидҳо ҳосил шуд, ҳамкории ҳар ду давлатро боз ҳам амиқтар хоҳад кард.

Сарвазири Покистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кумакҳое, ки Тоҷикистон барои рафъи оқибатҳои обхезӣ ба кишвараш расонид, изҳори сипос намуд.

Ёдовар мешавем, ки давоми соли 2022 ду маротиба бо супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Ҷумҳурии Исломии Покистон, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва селу обхезиҳои шадид хисороти зиёди ҷонию иқтисодӣ дидаанд, кумакҳои навбатии башардӯстона, аз қабили маҳсулоти озуқаворӣ ва масолеҳи сохтмонӣ фиристода шуд.

(Идома дорад)

**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА,**
**Самариддин АЙНИДДИН.**

Уфуқҳои ҳамкорӣ



# «ДАРАХТИ ДӮСТӢ» САМАР ОВАРД

**Ёздаҳуми апрели соли равон таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим дар мавзӯи «Эъломияи муштарак дар бораи принсипҳои асосии муносибатҳои байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси ташаккул ва рушди заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба» суҳбати гирди миз баргузор гардид.**

Қодири Қосим иброз намуд, ки имрӯз ба шарофати сиёсати дурандешонаи роҳбарияти ҳар ду кишвари ҳамҷавор ва баррасии ҳамаҷонибаи сабақҳои таърихӣ робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Хитой тамоюли комилан нав пайдо карда, барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои самарабахш заминаи устувор фароҳам омадааст.

- Ҳамкориҳои мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузории Тоҷикистону Хитой бахши муҳими робитаҳои ҳар ду кишвари дӯсту ҳамҷаворро ташкил медиҳад. Азбаски Ҷумҳурии Халқии Хитой шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, густариши робитаҳои дуҷониба ва ҳамкории самарабахш бо ин кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳисоб меёбад, - гуфт нотиқ.

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Тсзи Шумин иброз намуд, ки моҳи марти соли 1993 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори аввал ба Хитой сафар карданд. Зимни ин сафари таърихӣ «Эъломияи муштарак дар бораи принсипҳои асосии муносибатҳои байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид, ки заминаи асосӣ барои рушди робитаҳои устувору самарабахши ҳар ду кишвари дӯст ба шумор меравад.

Зикр гардид, ки ҳамкориҳои мақомоти намояндагӣ ва қонунгузории ҳар ду кишвар сол то сол вусъат ёфта истодаанд. Соли гузашта суҳбати онлайнии Раиси Кумитаи доимии Ҷаласаи умумихитойии намояндагони халқи Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷаноби Ли Чжаншу ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ, инчунин суҳбати онлайнии раиси Кумита оид ба корҳои хориҷии Ҷаласаи умумихитойии намояндагони халқи Ҷумҳурии Халқии Хитой Чжан Есуй ва раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода баргузор гардид. Робитаҳои Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ дар парлумонҳои Хитой ва Тоҷикистон низ дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудааст.

- Ҷумҳурии Халқии Хитой бузургтарин кишвари сармоягузор ба иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Мувофиқи маълумоти мақомоти гумруки Хитой, соли 2022 сарфи назар аз мушкилиҳои мавҷуда тиҷорат миёни Тоҷикистону Хитой 2,6 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 40 дарсад бештар аст. Миёни ҳар ду кишвари ҳамсоя як қатор лоиҳаҳо дар бахшҳои нақлиёт, энергетика ва саноат амалӣ шуда истодаанд, - гуфт Тсзи Шумин.

Бино ба гуфти раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин, раиси Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷаласаи умумихитойии намояндагони халқи Ҷумҳурии Халқии Хитой Рустам Латифзода, заминаи меъёрӣ - ҳуқуқии ҳар ду кишвари дӯстро зиёда аз 200 санади дуҷониба ташкил медиҳад. Ӯ дар бораи таърихи ҳамкориҳои байнипарламентӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар ду кишвар иттилоъ дода, зикр намуд, ки баъд аз ифтитоҳи гузаргоҳи сарҳадии «Кулма - Қаросу» робитаҳои тиҷоратии дуҷониба вусъат ёфта, соли 2005 миёни ду кишвар хатсайри доимии ҳавопаймо ба роҳ монда шуд.

- Ташаббуси Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷаноби Си Ҷин Пин зери унвони «Як камарбанд- як роҳ» дар таҳкими робитаҳои ҳусни ҳамҷаворӣ саҳми арзанда гузошт, - гуфт номбурда.

Ректори Донишкадаи Конфутсий Лю Тсзянвэй зикр намуд, ки бори аввал моҳи сентябри соли 1994 ду донишҷӯи тоҷик барои омӯзиши забон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой фиристода шуданд. Моҳи августи соли 2008 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Донишкадаи Конфутсий фаъолияташро оғоз намуд. Соли 2015 дар назди Донишкадаи кӯҳӣ - металлургии Тоҷикистон чунин донишкада ифтитоҳ ёфт.

- Ҳоло дар 13 мактаби миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон забони хитойӣ ҳамчун фанни факултативӣ омӯхта мешавад. Инчунин, дар 9 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён дар сатҳи бакалавр ва дар ду донишгоҳ дар сатҳи магистр забони хитойӣ меомӯзанд. Дар 30 соли охир 10 000 ҷавони тоҷик барои омӯхтани забон ва ихтисосҳои гуногун ба Ҷумҳурии Халқии Хитой рафтааст. Миёни устодону донишҷӯён ва намояндагони соҳаҳои фарҳанг, матбуот, телевизион ва кино табодули таҷриба хуб ба роҳ монда шудааст, - таъкид кард Лю Тсзянвэй.

Намояндаи Палатаи тиҷоратии муассисаҳои Тоҷикистону Хитой Ван Чжи зикр намуд, ки алҳол дар палатаи мазкур 34 ширкат аъзо буда, дар амалисозии як қатор лоиҳаҳои муштарак саҳми бузург мегузорад. Аз ҷумла, Ширкати роҳу пулсозии Хитой дар самти сохтмони шоҳроҳҳо то ин дам 20 лоиҳаро анҷом дода, амалисозии марҳилаи дуюми лоиҳаи шоҳроҳи «Тоҷикистон - Хитой» - ро идома дода истодааст. Ширкати «Сино Ҳайдро» 5 лоиҳаи сохтмони роҳро ба анҷом расонида, алҳол ба таҷдиди техникии неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Сарбанд» машғул аст.

- Палата дар баробари таҳкими фаъолияти иқтисодӣ, инчунин дар амалисозии лоиҳаҳои иҷтимоӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Чунончи, Ширкати «TBEA» дар Тоҷикистон чор «Мактаби дӯстии Хитой - Тоҷикистон» - ро ба истифода дод. Ширкати «Хуаксин - Ёвон» бошад, се лоиҳаи хайриявиро дар бахши сохтмони мактаб, таъмири кӯпрук ва роҳҳо амалӣ намуд. Ширкати муштараки «Зарафшон» бунёди боғчаи кӯдакона, мактаби ибтидоӣ ва МТМУ №47 - ро дар шаҳри Панҷакент маблағгузорӣ намуд,- иброз намуд Ван Чжи.

Муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Салим зикр намуд, ки Тоҷикистону Хитой шарикони ҳамаҷонибаи стратегӣ мебошанд. Бо мақсади тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ҳар ду кишвар Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ - тиҷоратӣ таъсис дода ва байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ механизми машваратҳои сиёсӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар ҳамоиш муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Исоҷон Қурбонзода, муовини якуми вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Шоимзода, муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳлиддин Нуриддинзода, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфия Абдухолиқзода, муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Анварӣ, муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Неъматзода ва муовини раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Насим Анваров дар бораи вусъати робитаҳои дуҷониба сухан ронда, дурнамои ҳамкориҳоро бо Ҷумҳурии Халқии Хитой нек номиданд.

Дар хотима зикр шуд, ки сӣ сол пеш бо имзои Эъломияи муштарак миёни ҳар ду кишвар «дарахти дӯстӣ» шинонда шуд, ки он самар овард.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум». Суратгир Н. АЛИЕВ**

Нишасти муҳим

# МУТТАҲИДКУНАНДАИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ОБУ ИҚЛИМ

**Соли 2023 аз талошҳои кишвари мо дар пешбурди рӯзномаи оби Созмони Милали Муттаҳид 20 сол сипарӣ шуд. Ин муддат дар асоси ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ 9 қатъънома қабул гардид. Қабули ин қатъномаҳо ва баргузории ҷамъомадҳои сатҳи баланд дар асоси ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он шаҳодат медиҳанд, ки иқдомҳои ҷониби Тоҷикистон дар ҳалли масоили обу иқлим ҳадафҳои неку созандаи зиёд дар пай доранд.**

Ин нукта зимни баргузории Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти обу иқлим: аз ибтикорот то амал», ки 6-уми апрели соли равон дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, зикр шуд.

Мавзӯи ҷамъомад баррасии қарори Маҷмаи умумии СММ оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон гардидани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» буд. Дар чорчӯбаи чорабинии мазкур коршиносон, ҳамчунин, натиҷаҳои Конфронси оби СММ-ро, ки бо ҳамраисии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳи Нидерланд аз 22-юм то 24-уми марти соли ҷорӣ дар шаҳри Нью-Йорк доир гардид, мавриди омӯзиш қарор доданд.

Зикр шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии мушкилоти об дар ҷаҳон кишвари пешоҳанг ва ташаббускор эътироф гардида, ибтикороти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзномаи оби СММ «Раванди оби Душанбе» ном гирифтааст.

Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Хайриддин, аз ҷониби СММ бо иттифоқи оро пазируфтани ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба муҳим будан оид ба ҳалли мушкилоти глобалӣ ва муттаҳидсозӣ марбут дониста, аз ҷумла, чунин гуфт: «Дар ҳоле ки ҷаҳон хеле ноором аст, атрофи як мавзӯи муҳими глобалӣ муттаҳид сохтани давлатҳо ва созмону ниҳодҳои бонуфузи байналмилалӣ кори чандон саҳл нест. Ин ифодагари аҳамияти фавқулода муҳими ташаббусҳои Пешвои миллати мо мебошад».

Зикр шуд, ки дар доираи конфронс, ки ҳамраисии онро кишвари мо ба зимма дошт, ғайр аз ҷаласаҳои асосӣ бо иштироки роҳбарони ҳайатҳо, чорабиниҳои зиёд дар қароргоҳи СММ ва берун аз дафтари СММ (ба таври маҷозӣ) доир шуд. Қарору санадҳои қабулкардаи конфронс аз ҷониби СММ барои иҷро ба ҳамаи кишварҳои аъзо фиристода мешаванд. Натиҷаҳои конфронс мардуми сайёраро дигарбора ба дарки аҳамияти ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018 - 2028» ҷалб намуда, ба татбиқи сартосарии ташаббусҳои Тоҷикистон водор месозад.

Муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадзода Парвиз дар мавзӯи «Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳидкунандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоти обу иқлим» маърӯза намуда, аз ҷумла гуфт, ки таъсири тағйирёбии иқлим тавассути захираҳои об бештар эҳсос шуда, хушксолӣ ва обхезии шадид, боришоти нобаробари мавсимӣ ва обшавии босуръати пиряххо дар ҷаҳон ба назар мерасад.

- Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббусҳои он барои муттаҳидсозии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоти обу иқлим рӯз то рӯз меафзояд. Бо ташаббуси кишвари мо Маҷмаи умумии СММ доир ба ин мавзӯъ 9 қатъънома қабул кард, ки ба ҳалли мушкилоти вобаста ба об нигаронида шудааст, - афзуд ӯ.

Коршиносон эътироф намуданд, ки аз соли 1999, яъне аз соли пешниҳоди аввали ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон то имрӯз СММ вобаста ба ташаббусҳои кишварҳои ҷаҳон дар соҳаҳои гуногун қатъномаҳои махсус қабул намудааст. Бештари ин қатъномаҳо ҳоло вобаста ба аҳамияташон амал намекунанд ё муҳлати татбиқашон ба итмом расидааст. Пайгирии мавзӯи мазкур дар доираи дипломатияи об идома дошта, вобаста ба ташаббусҳои кишвари мо қатъномаҳои махсуси СММ пай дар пай қабул мегардад.

Директори Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдулҳамид Қаюмов зимни суханронӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон - пешоҳанги масоили ҳифзи пиряххо дар ҷаҳон» Тоҷикистонро дар Осиёи Марказӣ маркази бузурги пиряххо номида, аз ҷумла, чунин гуфт: «Пиряххое, ки дар ин қаламрав мавҷуданд, барои минтақа на танҳо махзани бузурги об ба ҳисоб меравад, балки манбаи мувозинати табиат низ мебошанд. Онҳо ҳамеша тағйир меёбанд, аз ин рӯ зарур аст, ки мавриди омӯзиш қарор гиранд. Солҳои 1920 - 1930 аз ҷониби олимон шумора, дар кадом минтақа ҷойгир шудану масоҳаташон мавриди омӯзиш қарор гирифта буд. Чунин таҳқиқот 50 - 60 сол идома ёфт ва ин имкон дод, ки «Феҳристи пиряххо» тартиб дода шавад. Мутаассифона, соли 1980 кор дар ин самт суст гардида, баъд аз соли 1990 таҳқиқоти илмӣ - бунёдӣ оид ба омӯзиши пиряххо қатъ шуд».

Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Академияи миллии илмҳо Маркази омӯзиши пиряххо таъсис ёфт, ки мақсад аз таъсиси он роҳандозии мониторинги доимии пиряххо, пешгирии ҳолати обшавии пиряххо ва омӯзиши дигар сарчашмаҳои обии кишвар мебошад. Ҳоло марказ дар омӯзиши пиряххо аз ГИС – технология, ки дар самти омӯзиши пиряххо технологияи ҷадид ба ҳисоб меравад, истифода мебарад.

«Таъсири дигаргуншавии иқлим ва мушкилоти об ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ», «Аҳамияти сиёсӣ ва амалии ташаббусҳои Тоҷикистон вобаста ба об», «Обшавии пиряххо ва таъсири он ҳангоми ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода» мавзӯъҳои дигаре буданд, ки дар ин ҳамоиш мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# ПАРВАРДАИ МАКТАБИ БЕНАЗИРИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Баҳри таҷдиду навсозии роҳҳо корҳои назаррас ба сомон расид. Аз ҷумла, 118,3 км роҳҳо навсозӣ ва таъмир гардида, сохтмони ду эстакада идома дорад. Дар ин самт азми Раиси шаҳр қавӣ ва нияташ нек буда, то соли 2025-ум 10 адад ва дар доираи амалишавии Нақшаи генералии шаҳри Душанбе 20 чорроҳаи сесатҳа (эстакада) дар пойтахт сохта мешаванд.

Дар матлаби мазкур мо бо зикри баъзе дастовардҳои соли гузашта, ки аз ҷамъи пешравиҳои пойтахти кишварамон «қатрае аз баҳр» мебошад, иктифо менамоем:

Метавон гуфт, ки соли 2022 марҳилаи сифатан нави пешрафти пойтахтамон ба ҳисоб меравад. Бо ибтикори муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми январи соли 2022 таҳти №309 «Дар бораи «Солҳои рушди саноат» эълон намудани солҳои 2022-2026 сохтмон ва бунёди 71 коргоҳу корхонаи саноатӣ пешбинӣ гардида, аз ин шумора дар як сол 17 корхона ба истифода дода шуданд.

Шоҳид будем, ки бо мақсади амалисозии ҳадфҳои миллӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти корхонаҳои муосири истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ, ҳасиб, асфалтбарорӣ, сангмайдакунӣ, бетон ва қолинбофӣ оғоз бахшида шуд.












Маҳз истифодаи самараноки иқтидорҳои нав, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда барои афзоиш ёфтани соҳаи саноати шаҳр дар соли 2022 заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар давраи мавриди назар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи коркард, аз ҷумла нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маснуот ва пойафзол 102,5 фоиз, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб, фаъолияти табъу нашр ва коғаз 123,2 фоиз, истеҳсоли маҳсулоти фарматсевтӣ 2,6 маротиба, металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ 1,8 маротиба, таҷҳизоти барқӣ 1,9 маротиба ва истеҳсоли воситаҳои нақлиёт 141,1 фоиз афзуд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар ин давра ба 22,5 миллиард сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108,1 фоиз ва саҳми он дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 19,5 фоизро ташкил дод. Тӯли панҷ соли охир ба шаҳри Душанбе зиёда аз 2 миллиарду 87 миллион доллари ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки 554 миллион доллари онро сармояи мустақим ташкил медиҳад.

Баргузории Фестивали байналмилалии «Наврӯзи Душанбе»; Фестивали «Оби Душанбе», Форуми байналмилалии «Наврӯзи Душанбе - меҳвари робитаҳои фарҳангию сайёҳӣ», Форуми байналмилалии «Душанбе - шаҳри имконоти рушди кӯдакон», Фестивали байналмилалии фарҳангии кӯдакону наврасон «Шукуфаҳои пойтахт» ва дигар чорабиниҳову мусобиқаҳои варзишии сатҳи баланд ибтикоре мебошанд, ки бо ташаббуси муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои муаррифии шоистаи кишвар ва ҷалби бештари сайёҳон амалӣ гардиданд.

Барқарор намудани муносибати бародаршаҳрӣ бо шаҳрҳои Чиндаои Ҷумҳурии Халқии Хитой, Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон, Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ашқободи Туркманистон ва Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон идомаи мантиқии ин раванд ва тавсеабахши равобит ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаҳои ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар алоҳидагӣ низ рушди бесобиқаро бозгӯӣ менамояд. Барои мисол, дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 517,3 млн. сомонӣ расид, ки дар қиёс ба соли 2021-ум 9 млн. сомонӣ зиёд буда, 100,8 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2022 иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 577 миллиону 800 ҳазор сомониро ташкил дод, ки аз нақшаи пешбинишуда 27,2 миллион сомонӣ зиёд аст.

Чунин тамоюл дар ноҳияи Сино баръало буда, иҷрои буҷети ноҳия 103 фоиз таъмин гардид. Дар ин замина ба буҷет 996 миллион сомонӣ ворид шуд, ки аз нақша 24 миллион сомонӣ зиёд аст.

Ба ин монанд дар ноҳияи Шоҳмансур соли 2022 иҷрои қисми даромад аз ҳисоби андозсупорандагон 101,1 фоиз ва бахши маҷмӯии даромади буҷет 106,9 фоиз таъмин гардид.

Дар баробари дигар масоил, таваҷҷуҳи муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба соҳибкасб намудани шаҳрвандон низ хосса буда, дар ин самт корҳои зиёд амалӣ гардидааст. Барои мисол, дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ин раванд аз рӯйи 15 касбу ихтисос тавассути роҳхат ройгон ба роҳ монда шуда, 11 ҳазору 448 ҷойи нави кор фароҳам шуд.

Месазад ёдовар шавем, ки аз 146 корхонаи саноатии ноҳияи Фирдавсӣ 77-тоаш истеҳсоли маҳсулотро дар қиёс ба соли 2021 зиёд намуданд. Даромади корхонаҳо дар 11 моҳи соли сипаришуда 447 миллион сомониро ташкил дод, ки ин дар муқоиса ба соли 2021-ум 209,2 миллион сомонӣ зиёд аст. Хурсандиовар аст, ки соли гузашта истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия дар маҷмӯъ 1 миллиарду 40 миллион сомониро ташкил дод, ки ин дар қиёс ба соли 2021 -ум 22,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Дар ноҳияи мазкур тибқи нақша - чорабиниҳо оид ба таҷлили 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 102 бинои баландошёнаи истиқоматӣ, 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 7140 ҷой, 10 муассисаи томактабӣ барои 2020 ҷой, 23 коргоҳу корхонаҳои саноатӣ ва марказҳои замонавии савдою хизматрасонӣ дар назар аст.

Дар давраи зикршуда 243 корхонаи ноҳияи Сино ба маблағи 1,4 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки 121,8 фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Иҷрои корҳои сохтмонӣ дар ин ноҳия ба 1,3 миллиард сомонӣ баробар гардида, дар масоҳати 126 ҳазор метри мураббаъ манзили истиқоматӣ бунёд шуд.

Ин нишондиҳандаҳо дар ноҳияи Шоҳмансур низ қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш мебошад. Соли 2022 иҷрои қисми даромад аз ҳисоби андозсупорандагон 101,1 фоиз ва бахши маҷмӯии даромади буҷет 106,9 фоиз таъмин гардид. Корхонаҳои саноатии ноҳия ба маблағи 512,1 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2021-ум 53,3 миллион сомонӣ зиёд буда, 110,5 фоизи нишондиҳандаи як соли пешинро ташкил медиҳад.

Лозим ба ёдоварист, ки аз ҳисоби васеъ шудани ҳудуди пойтахт масоҳати заминҳои обӣ истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ афзуд. Барои мисол, ноҳияи Сино дорои 664 гектар замини корами обӣ буда, дурнамои кишти асосӣ дар 525 гектар, аз ҷумла 332 гектар баҳорӣ ва 135 гектар тирамоҳӣ, пурра иҷро гардид. Дар ноҳияи Фирдавсӣ 272 хоҷагии деҳқонӣ амал мекунад, ки дар ихтиёри худ 486,06 гектар замини обӣ дорад. Соли гузашта дар ноҳия 11 696,7 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ҷамъоварӣ шуд.

Дӯстонам, ки борҳо ба хориҷа сафар кардаанд, иброз доштанд, ки на ҳама пойтахтҳои дигар кишварҳо чун Душанбе тозаву озоданд. Соле қабл як ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ дар раддабандӣ (рейтинг) Душанберо ба қатори амнтарин шаҳрҳои сайёра шомил карда буд.

Мояи ифтихор аст, ки шаҳри Душанбе ба узвияти Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои туристӣ (WTCF) пазируфта шуда, соли 2018 бино ба натиҷаҳои назарпурсии агентии таҳлилии «ТурСтат»-и Россия пойтахти Тоҷикистон ба қатори 10 шаҳри дар айёми баҳор барои сайёҳӣ муносиби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шомил шуд. Зимнан, шаҳри Душанбе дар қатори даҳгонаи кишварҳои беҳтарин аз рӯи таъмини амнияти шабона эътироф гардид, ки барои рушду инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат мусоидат менамояд.

Боиси сарфарозист, ки дар яке аз ҷаласаҳои Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи соли 2021 ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе додани мақоми шаҳри фарҳангии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қарор қабул гардид.

Дар матлабе навишта будам, ки Душанбе шаҳри ободон ва дурдонаи мамлакат буда, масъулиятшиносии Раиси шаҳр муҳтарам Рустами Эмомалӣ онро муҷалло намудааст. Гузашти вақти на он қадар зиёд дурустии ин гуфтаро тақвият бахшид.

Мутмаинам, ки ба шарофати ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, қонунмеҳварӣ ва завқи волои муҳтарам Рустами Эмомалӣ дастовардҳо боз ҳам афзун ва шаҳри Душанбе зеботар мешавад.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**5-уми майи соли 2023 озмуни №6-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд**

| № т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ - 16 | масоҳати 44 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 9-уми бино | маъмурӣ | 7920 | 1 сол |
| 2 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҷ.Расулов - 69 | масоҳати 7,3 м$^2$ аз ҳисоби бинои ШБИ РБДА | ҳоҷатхона | 2015 | 1 сол |
| 3 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ - 139 | масоҳати 4,5 м$^2$ аз ҳисоби дӯкони маводи хӯроквории №4 | савдо | 3870 | 1 сол |
| 4 | Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к. Мастонгулов - 3 | масоҳати 30 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои академия | нуқтаи савдои молҳои ҳарбӣ ва канселярӣ | 6180 | 1 сол |
| 5 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, к. Фурудгоҳ - 15 | масоҳати 4 м$^2$ аз ҳисоби аэровокзали фурудгоҳ | савдо | 4000 | 1 сол |
| 6 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | ш.Душанбе, к.Мушфиқӣ - 77 | масоҳати 49 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 7060 | 1 сол |
| 7 | Хадамоти геофизикии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | ш.Душанбе, к. Шевченко - 59 | масоҳати 27,2 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмурӣ ва ёрирасон | истеҳсолӣ | 5400 | 1 сол |
| 8 | Коллеҷи омӯзгории ба номи Х.Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ | ш.Душанбе, к.С.Айнӣ -73 | масоҳати 6 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | савдо | 6000 | 1 сол |
| 9 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҷ.Расулов - 6/7 | анбори №20 бо масоҳати 102 м$^2$ аз ҳисоби бинои №19А | анбор | 26447 | 1 сол |
| 10 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ - 16 | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 12375 | 1 сол |
| 11 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҷ.Расулов - 69 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби бинои ШБИ РБДА | хизматрасонӣ | 3600 | 1 сол |
| 12 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/6 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Ёвон, к.М.Каромов - 1 | масоҳати 14 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | савдо | 3300 | 3 сол |
| 13 | Муассисаи ислоҳии ЯС 3/8 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Норак, маҳаллаи Чал-Чал | масоҳати 17 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | савдо | 4000 | 3 сол |
| 14 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷарроҳии қафаси сина» | ш.Ваҳдат, шаҳраки Шифо | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби назди бинои 1-уми марказ | савдо | 6000 | 3 сол |
| 15 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к.М.Турсунзода - 31 | масоҳати 26 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса | савдо | 10452 | 3 сол |
| 16 | Беморхонаи Роҳи оҳани Тоҷикистон КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Назаршоев - 43 | масоҳати 23 м$^2$ аз ҳисоби бинои беморхона | истеҳсолӣ | 5500 | 3 сол |
| 17 | МД «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ - 59а | масоҳати 36 м$^2$ аз ҳисоби бинои дармонгоҳ | савдо | 10800 | 3 сол |
| 18 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҷ.Расулов - 6/7 | утоқи кории №63 бо масоҳати 26 м$^2$ аз ҳисоби бинои №14А | анбор | 5616 | 3 сол |
| 19 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҷ.Расулов - 6/7 | утоқи кории №40 бо масоҳати 29 м$^2$ аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 10440 | 3 сол |
| 20 | Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев -38/1 | масоҳати 93,12 м$^2$, аз ҷумла аз ҳисоби тагхона 88 м$^2$ ва аз ҳисоби ҳудуди бино 5,12 м$^2$ | хӯроки умумӣ | 6000 | 2 сол |
| 21 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои дил» | ш.Душанбе, х.И.Сомонӣ - 59 «А» | масоҳати 55 м$^2$ аз ҳисоби бинои беморхона | хизматрасонӣ | 13000 | 3 сол |
| 22 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ - 59 | масоҳати 60 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бинои №6 | савдо | 18000 | дар асоси банди 15 ҚҲҶТ №537 аз 2 ноябри соли 2011 бинобар сабаби таъмирталаб будани объекти иҷора ва гузаронидани таъмир, мӯҳлати иҷора 5 сол, се моҳи аввал аз пардохти маблағи иҷора озод, дигар моҳҳо бо дарназардошти пардохти маблағи иҷора ба иҷора супорида мешавад |
| 23 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии металлургии шаҳри Турсунзода» | ш.Турсунзода, к.А.Дониш - 1 | масоҳати 9180 м$^2$ аз ҳисоби майдончаи варзишии муассиса | варзишӣ | 11000 | 3 сол |
| 24 | Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии н.Б.Ғафуров | н.Б.Ғафуров, к.Мусобеков - 20 | масоҳати 147 м$^2$ аз ҳисоби қисми болои заҳбури байниҳоҷагии шохобаи К-12, воқеъ дар Ҷамоати деҳоти Хистеварз | хизматрасонӣ ва савдо | 5000 | 5 сол |
| 25 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ - 59 | масоҳати 36 м$^2$ аз ҳисоби назди бинои маъмурият | савдо | 6600 | 3 сол |
| 26 | Корхонаи фаръии КВД «Тоҷикзооветсервис» дар вилояти Суғд | ш.Хуҷанд, к.К. Хуҷандӣ -13 | масоҳати 73 м$^2$ аз ҳисоби бинои анбор | истеҳсолӣ | 4479 | 1 сол |
| 27 | Муассисаи давлатии «Сирки давлатии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев - 2 | масоҳати 86 м$^2$ аз ҳисоби тарафи рости бинои асосии муассиса | савдо | 6000 | 1 сол |
| 28 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар» | вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён, ш.Бохтар | масоҳати 6 м$^2$ аз ҳисоби бинои фурудгоҳ | савдо | 3500 | 1 сол |
| 29 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ - 16 | масоҳати 11,3 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 9-уми бино | маъмурӣ | 2910 | 1 сол |
| 30 | МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.И.Сомонӣ - 59 | масоҳати 120,07 м$^2$ бо дарназардошти 12 адад номгӯйи воситаҳои асосӣ аз ҳисоби бинои ёрирасони донишкада | хӯроки умумӣ | 18000 | 1 сол |
| 31 | КВД КТН «Шарқи озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ - 16 | масоҳати 10,5 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 2-юми бино | маъмурӣ | 4344 | 1 сол |
| 32 | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ - 17 | масоҳати 1 м$^2$ аз ҳисоби боми бинои хобгоҳи №6 | техникӣ | 1200 | 1 сол |
| 33 | Корхонаи воҳиди давлатии «Палос» | вилояти Суғд, ш. Бӯстон, Ҷамоати Палос, кӯчаи Комсомолская -1 | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 12040 | 1 сол |
| 34 | Раёсати давлатии оташнишонии вилояти Суғд | вилояти Суғд, ноҳияи Мастчоҳ, д. Бӯстон | масоҳати 18 м$^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 10836 | 1 сол |
| 35 | Раёсати давлатии оташнишонии вилояти Суғд | вилояти Суғд, ноҳияи Шаҳристон, Қаерма | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 12040 | 1 сол |
| 36 | Ҷамъияти саҳомии навъи кушодаи «Матбуот» | ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ - 37 | масоҳати 4 м$^2$ аз ҳисоби бинои истеҳсолии корхона | техникӣ | 2486 | 1 сол |
| 37 | Муассисаи давлатии «Тоҷиктрансстрой»-и ноҳияи Данғара | н.Данғара, к.Зебуниссо | масоҳати 20 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 8412 | 1 сол |
| 38 | Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | ш.Хуҷанд, кӯчаи Фирдавсӣ - 120 | масоҳати 15 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | техникӣ | 9000 | 1 сол |
| 39 | Клуби ҷумҳуриявии варзишӣ-тирандозии Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Варзишгарон - 5 | масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 6000 | 1 сол |
| 40 | Қисми ҳарбии 02615-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Володарская - 6 | масоҳати 18 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 10812 | 1 сол |
| 41 | ҶСК «НБО Роғун» | ш.Роғун, к.Сохтмончиён - 40 | масоҳати 12 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 7212 | 1 сол |
| 42 | ҶСК «НБО Роғун» | ш.Роғун, к.Сохтмончиён - 40 | масоҳати 11 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 6612 | 1 сол |
| 43 | ҶСК «НБО Роғун» | ш.Роғун, к.Сохтмончиён - 40 | масоҳати 35 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | техникӣ | 21012 | 1 сол |
| 44 | Филиали №31 Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар ш. Гулистон | ш. Гулистон, к.М.Турсунзода - 13А | масоҳати 7,4 м$^2$ аз ҳисоби корхона | техникӣ | 4450 | 1 сол |
| 45 | Раёсати минтақавии гумрукӣ дар вилояти Суғд | ш.Хуҷанд, х.Р.Ҳоҷиев - 28 | масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди минтақаи гумруки дидбонгоҳи «Фотеҳобод»-и гумруки Мастчоҳ | техникӣ | 4250 | 1 сол |
| 46 | Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» | ш. Бӯстон, к. Опланчук - 10, МИИ ТЭЛА | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 9 м$^2$ ва масоҳати 2 м$^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 6600 | 1 сол |
| 47 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ҷ.Расулов | н.Ҷ.Расулов, к.Ҷ.Расулов | масоҳати 22,28 м$^2$ аз ҳисоби бинои маъмури | маъмурӣ | 6000 | 1 сол |
| 48 | Муассисаи тафтишотии ЯТ 9/2 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Хуҷанд | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои муассиса | савдо | 3600 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21. Тел: 221-73-74, 221-33-66 ва дар шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин - 47/1. Тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун соати **10$^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад. Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун ба суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **www.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.GKI.tj** гирифтан мумкин аст.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) барои иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқии дорои иҷозатномаи махсуси хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарики рушд - Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх дастгирӣ меёбанд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Тайёрӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода» (КБСС):**

Лоти 1: Таъмини таҷҳизоти ёрии аввал (қуттии ёрии аввал) замбари тиббӣ ва пешдоман бо аломатгузорӣ.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқии дорои иҷозатномаи дахлдор баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 ба унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Мӯҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: *то 27-уми апрели соли 2023, соати 9$^{00}$ бо вақти Душанбе.*

# ЭЪЛОН!

Барҳамдиҳандаи ҶСП «Кафолатбонк», тибқи талаботи моддаи 38 банди 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», ба маълумоти қарздеҳони ҶСП «Кафолатбонк», ки то имрӯз маблағҳояшонро бозпас нагирифтаанд, мерасонад, ки онҳо оид ба бозпас гирифтани маблағҳояшон аз суратҳисобҳои махсус минбаъд ба Бонки миллии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди инвентарии 45711 санаи 28-уми августи соли 1987 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Гулистон (ҳоло шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Гулистон) ба Сироҷов Тоҷидин додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати № 019811-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №147-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1993 ба Уроқова Дилором Раҷабовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии гумшуда, ки онро Идораи дуюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 24-уми августи соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 99, ҳуҷраи 56 ба Ованесова Валентина Зайробовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи силсилаи БР №101236-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Шаҳринав соли 1989 ба Гулова Сабагул Кавраковна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бинокорон, бинои 9, ҳуҷраи 15 ба Ҳамиди Ғаффор додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматӣ таҳти №7430-и гумшуда аз 22-юми майи соли 1990 ва Шаҳодатномаи бақайдгирии манзили истиқоматии таҳти №12079-и гумшуда аз 14-уми декабри соли 1988 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 5, кӯчаи Телман, хонаи 38, мутааллиқ ба Ахмедов Абдулло, эътибор надоранд.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 022138-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён 20-уми сентябри соли 2005 таҳти №445 ба сокини ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Н. Хусрав, деҳаи Ёбуз ба Амиров Амрулло додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Бародарони бунёдкор» (РЯМ 0910010934, РМА 090017160) эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии қитъаи замин бо ҷойгиршавии бинои истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ҳисор бо суроғаи шаҳри Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи Карим Девона, бинои 59 ба ҶСП «Шарора» додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти қайди 10697 санаи 28-уми майи соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 54/1, ҳуҷраи 28 ба Плясунова Любовь Илларионовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансур бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 54/1, ҳуҷраи 28 ба Плясунова Любовь Илларионовна додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилномаи (ордери) №3828-и гумшуда, ки онро Кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқи шаҳри Душанбе 7-уми сентябри соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 54/1, ҳуҷраи 28 ба Плясунова Любовь Илларионовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи меҳнатии гумшуда, ки онро Тоҷик СГЭМ соли 2018 ба Забиров Бузургмеҳр Зоирович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи Т-ШТА №0340176, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и шаҳри Душанбе соли 2009 ба Ҷамшеди Изатулло додааст, бинобар иваз шудани ному насаб ба Нажмудинов Ҷамшед Изатуллоевич, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №272028 ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкорони инфиродии гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Шарипов Шарифхуҷа Абдуҷаборович (РЯМ 1230164366, РМА 205625923) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматии силсилаи ДШ № 0071450 таҳти феҳристи 8Ш-1696-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷомӣ, бинои 30/2, ҳуҷраи 11 ба Маҳмадов Файзулло Нуралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Гувоҳномаи шахсияти прапоршикии силсилаи ҶТ №003935-и гумшуда, ки онро Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10-уми декабри соли 2020 ба Кашицын Павел Сергеевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии минтақаи истироҳатии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Варзоб бо суроғаи ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа, деҳаи Оҷук ба Рузибаев Абдулло додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Қодирзода Илҳом Шарофиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А №00629525-и гумшуда, ки онро ШВКД дар шаҳри Хоруғ 15-уми сентябри соли 2016 ба Шукрихудоева Нилуфар Айнихудоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А№01925037-и гумшуда, ки онро ШВКД- 2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 25-уми майи соли 2019 ба Шукрихудоев Сабрӣ Айнихудоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти умумии асосии силсилаи А № 0822725-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №84-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 1992 ба Одилова Саидахон Абдуложоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 1990 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом ба Сайфидинов Раҳим додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 1989 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чортеппа, деҳаи Ҷӯйбодом ба Ҳафизов Ҳақназар додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 2977-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 20-уми марти соли 2018 барои тарабхонаи «Симин» ба Комилова Шаҳноза Наврӯзовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии №2105-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе 25-уми июли соли 2018 барои тарабхонаи «Симин» ба Комилова Шаҳноза Наврӯзовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои анбор, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Панҷакент 27-уми декабри соли 2018 бо суроғаи шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 2 ба Ҳоҷимуродов Шӯҳрат додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши иншоот, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Панҷакент 7-уми декабри соли 2018 таҳти феҳристи №34290 бо суроғаи шаҳри Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 2 ба Ҳоҷимуродов Шӯҳрат додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Хоҷаев Муҳаммадҷон Сангалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Азимова Аминат (санаи таваллудаш - 22-юми июни соли 1955), ҳамчунин корти нафақа, ки онро шуъбаи Агентии нафақаи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Азимова Аминат додаанд, эътибор надоранд.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии «Меркурий» 115 ф №00172698-и гумшудаи ҶДММ «Элита тиҷорат» (РМА 030017212, РЯМ 0310002147) эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Мадина 2017» (РМА 030029883, РЯМ 0310018427) фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Фирдавси Илҳом», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0301127 ва РМА 120045898 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Дента М», ки дар Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҳакимова Мастона, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва РЯМ 3230000034 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 15-уми июли соли 2009 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

✓ ҶДММ «Муҳаммад Солеҳ 1» (РЯМ 6010005320, РМА 600013054), ки дар Нозироти андози шаҳри Панҷакент 1-уми январи соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи давлатдорӣ ва волояти қонун
Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 14 апрели соли 2023, соати 13:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35625 нусха*

Навбатдори шумора Ф. Файзалӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97